# Номи Ӯро

# *АҶОИБ*

# ХОНДА ХОҲАД ХОНД

Вилям М. Миллр

## Оё касеро бо номи *Аҷоиб* Дида ё шунидаед?

Ҳар рӯз мо ба одамоне вомехӯрем, ки номҳои бисёр зебои муносиб доранд ва гоҳе ҳам номуносиб. Вале ман дар тамоми умрам касеро надидаам, ки *Аҷоиб* номида шавад. Ҳамчунин дар тамоми китобҳои таърихӣ ё афсонаҳое, ки хондаам хабари касеро нашунидаам, ки ин хел ном дошта бошад. Вале дар яке аз қисматҳои Китоби Муқаддас, яъне дар китоби Ишаъёи набӣ, ки қариб ду ҳазору ҳафсад сол пеш аз ин навишта шудааст пешгӯии шахсияте хеле бузургеро мехонем, ки бояд зоҳир шавад ва Ӯ *Аҷоиб* номида шавад. Чунонки навишта аст: **“Зеро, ки кӯдаке барои мо таваллуд ёфт, Писаре ба мо дода шуд ва салтанат бар дӯши Ӯ хоҳад буд ва номи Ӯ *Аҷоиб*.... хонда хоҳанд хонд. Афзоиши салтанат ва осоиштагии Ӯ бар тахти Довуд ва бар мамлакати вай интиҳо нахоҳад дошт, то ки онро бо инсоф ва адолат, минбаъд ва то абадулобод барқарор ва мустаҳкам намояд...”** (Ишаъё 9:6-7)

Ин шахс, ки то абадулобод бар тахти Довуд салтанат хоҳад ронд ва номи Ӯ *Аҷоиб* хоҳад буд кист? Комилан возеҳ аст, ки ин шахс Исои Масеҳ мебошад, ки қариб ҳафсад сол баъд аз Ишаъё таваллуд шуд. Ва ба василаи модараш аз насли Довуд буд ба хотири ин Ӯро Писари Довуд мехонанд. Шакке нест, ки Ӯ *аҷоибтарин* вуҷудест, ки бар рӯи замин зоҳир шудааст.

Инак хуб аст, ки дар бораи баъзе аз сифатҳои *аҷоиби* ин Шахси бузургвор каме андеша кунем.

*1. **Таваллуди Масеҳ аҷоиб буд***

Тамоми касоне, ки аз замони Одам то ҳоло таваллуд мешаванд падар ва модар доранд. Вале Исои Масеҳ падари ҷисмонӣ надоштааст ва барои ин Ӯро Исои ибн Марям мехонанд, чунки аз духтари покдоман таваллуд ёфт. Ин ҳақиқат баробари пешгӯии Ишаъёи набӣ аст, ки фармуд: **"...Инак бокирае ҳомила хоҳад шуд ва Писаре хоҳад зоид..."**(Ишаъё 7:14). Ва бар тибқи пайғоми фариштаи Ҷаброил аст, вақте ки муждаи таваллуди Исоро ба Марям дода гуфт: **"Рӯҳулқудс бар ту хоҳад омад. Ва қуввати Ҳаққи Таоло бар ту соя хоҳад афканд; бинобар ин он мавлуди Муқаддас ҳам Писари Худо номида хоҳад шуд"**. (Инҷили Луқо1:35).

Оё ба ғайр аз Исои Масеҳ шахси дигаре ба ин тарзи *аҷоиб* ба дунё омадааст?

*2. **Пешгӯиҳо дар бораи Масеҳ аҷоиб буд***

Анбиёи пешина, мисли Довуд, Ишаъё, Мико ва Дониёл на танҳо таваллуди Масеҳ аз бокираро пеш аз пеш хабар додаанд, балки ҷои таваллуди Ӯ мӯъҷизот ва ранҷҳои Ӯ, марги Ӯ (ки бояд барои гуноҳкорон фидия мешуд), зинда шудани Ӯ ва салтанати абадии Ӯро низ пешгӯи карда буданд.

Дар бораи ҳеҷ кас, ки дар ин дунё таваллуд шуда бошад инқадар пешгӯиҳои *аҷоиб* дар китобҳои осмонӣ ёфт намешавад!

*3. **Бегуноҳ будани Масеҳ аҷоиб буд***

Чӣ қадар бисёр одамони хубе дар ин дунё зиндагӣ кардаанд вале мебинем, ки ба ҳар андозае, ки онҳо муқаддас буданд ба ҳамон қадар бисёрӣ ва зиштии гуноҳҳои худро шинохтанд ва аз Худо талаби бахшоиш мекарданд. Лекин Исои Масеҳ тавба ва талаби афвро накард. Зеро ҳатто як гуноҳе дар зиндагии поки Ӯ роҳ наёфт. Рӯзе Ӯ ба душманони Худ гуфт: **"Кадоме аз шумо, ки Маро ба гуноҳе таъна зада тавонад?"** (Инҷили Юҳанно 8:46)
Ҳавворийёни Масеҳ дар бораи Ӯ навиштаанд: **"Ӯ гуноҳе накардааст ва дар забонашмакре набуд: Гирифтори бадгӯӣ гардида Ӯ ҷавобан бадгӯӣ намекард: азоб кашида таҳдид намекард, ....муқаддас, аз бади дур, беайб, аз гуноҳкорон ҷудо шуда...."** (Номаи 1 Петрус 2:22-23 ва Ибриён 7:26)

Оё чизи бисёр *аҷоибе* нест, ки дар ин дунёи зишт як одам зоҳир шудааст, ки абадан эҳтиёҷи ба тавба ва талаби афв надоштааст?

### *4. Муҳаббати Масеҳ нисбати гуноҳкорон аҷоиб буд*

Шахсони некӯ табиатан аз бадӣ нафрат доранд ва ҳар шахси пок худро аз нопокӣ бозмедорад. Равшан аст, ки Исои Масеҳ, ки пок ва аз ҳар гуна гуноҳ холӣ буд, табиатан аз гуноҳ нафрат менамуд. Барои ин шояд тасаввур кунем, ки лозим мебоист Масеҳ Худро аз гуноҳкорон низ дур нигоҳ дорад, вале бар акс ба ҷои ин ки Худро аз гуноҳкорон ҷудо кунад бо онҳо бо ҳам зиста ғизо мехӯрд ва дар бораи муҳаббати Худо бо онҳо сӯҳбат мекард ва ҳангоме, ки тавба мекарданд бо оғӯши кушода онҳоро мепазируфт ва мефармуд: **"Ман омадаам, ки на одилонро, балки гуноҳкоронро ба тавбаъ даъват кунам"** (Инҷили Матто 9:13). Аз барои ин душманонаш Ӯро "дӯсти гунаҳкорон" номиданд.

Оё чизи *аҷоибе* нест, ки он касе, ки гуноҳкоронро аз ҳар шахси дигар бештар муҳаббат менамуд, ҳамон аст, ки аз ҳама поктар буд?

### *5. Қудрати Масеҳ дар бахшидани гуноҳҳо аҷоиб буд*

Ҳеҷ кадоме аз пайғамбарон қудрат надоштанд, ки шахсан гуноҳҳои мардумро бибахшанд: лекин рӯзе гуноҳкори фалҷшудаеро назди Исои Масеҳ оварданд, то вайро шифо диҳад. Масеҳ аввалан гуноҳҳои ӯро бахшид вале душманонаш хаёл карданд, ки Исо куфр гуфтааст, зеро ғайр аз Худо ҳеҷ кас наметавонад гуноҳҳоро биомурзад. Вале Масеҳ фармуд, ки қудрат дорад ки гуноҳҳоро бубахшад ва дар як дам бо шифо додани он шахси мафлуҷ ва ба ин тариқ даъвои Худро собит кард. Ҳамин тавр зани гуноҳкореро, ки барои наҷот назди Ӯ омад омурзид ва бо ӯ гуфт: **"Имонат туро наҷот дод, ба саломатӣ бирав"** (Инҷили Луқо 7:48-50)

Оё ин қудрати Масеҳ дар омурзидани гуноҳҳо *аҷоиб* нест?

### *6. Мӯъҷизоти Масеҳ аҷоиб буд*

Гарчи мусо ва Илёс ва баъзе аз пайғамбарони дигар дорои мӯҷизоти будаанд, аммо ҳеҷ кас бо андозаи Исои Масеҳ мӯъҷизоти бузург ва сершумореро анҷом надодааст, зеро Ӯ касалонро шифо медод ва песонро пок мекард, кӯронро биноӣ мебахшид ва мурдагонро зинда мекард.

На танҳо Худаш ин аъмоли *аҷоибро* анҷом медод, балки ба шогирдони Худ низ қудрат бахшидааст, ки ҳамин корҳоро бикунанд.

Ҳангоми шогирдон Ӯро дидаанд, ки дар вақти тӯфон дарёро ором мекунад, ҳайрон шуда гуфтанд: **"Ин кист, ки боду баҳр ҳам ба Ӯ итоат мекунанд?"** Марқус 4:41

Ба ростӣ ҳақ доштанд, ки тааҷҷуб кунанд; зеро Масеҳ Шахси *аҷоибе* буд.

*7. Таълимоти Масеҳ аҷоиб буд*

**Касоне, ки таълимоти Исои Масеҳро мешуниданд; ҳайрон шуда мегуфтанд: “Аз куҷост дар Ӯ чунин ҳикмат ва мӯъҷизот?”** Матто 13: 54. Мо ҳоло баъзе аз фармоишоти аҷоиби Ӯро нақл мекунем:

**“Хушо покдилон, зеро ки онҳо Худоро хоҳанд дид”** Матто 5:8

***“Ҳар ки ба зане бо чашми шаҳватомез нигоҳ кунад, дар дили худ бо вай зино карда бошад”.*** *Матто 5:28*

***“....агар касе ба рухсораи рости ту торсакӣ занад, дигарашро низ ба сӯи ӯ бигардон;”*** *Матто 5: 39*

***“Душманони худро дӯст бидоред, барои лаънаткунандагони худ баракат диҳед, нафраткунандагони худ некӣ кунед ва барои озордиҳандагону таъқибкунандагони худ дуо гӯед,”*** *Матто 5: 44*

***“Ҳар он чи мехоҳед, ки мардум бо шумо кунанд, шумо низ бо онҳо ҳамон тавр кунед,”*** *Матто 7:12*

***“Ҳар кӣ дар байни шумо хоҳад бузург бошад, хизматгори шумо шавад; ва ҳар кӣ мехоҳад, дар байни шумо нахустин бошад, ғуломи шумо шавад;”*** *Матто 20: 26-27*

***“Додан аз гирифтан беҳтар аст”.*** *Аъмоли Ҳаввориён 20: 35*

***“Якдигарро дӯст доред; чунон ки Ман шуморо дӯст доштам, шумо низ якдигарро дӯст доред”.*** *Юҳанно 13: 34*

**Вақте, ки суханони аҷоибро мешунавем, мо низ тааҷҷуб мекунем! Дар ҳақиқат; “Касе ҳаргиз монанди ин Шахс сухан нагуфтааст”** Юҳанно 7:46

*8. Фақирӣ ва фурутании Масеҳ аҷоиб буд*

Ҳар табибе, беморонро шифо медиҳад метавонад аҳдияҳояшонро қабул карда шахси сарватманде шавад. Ҳамчунин Масеҳ низ ки мӯҳтоҷонро табобат мекард метавонист тилло ё ҷавоҳирот ё хона ё молу мулк барои Худ ҷамъоварӣ намоям, вале Ӯ ҳатто ҷое сарниҳодан надошт.

Рӯзе, баъд аз он ки панҷ ҳазор нафарро бо панҷто нон ва ду моҳӣ сер карда буд, ҷамоат хостанд ки Ӯро подшоҳи худ бикунанд вале Масеҳ тахти подшоҳиро қабул накард, зеро салтанати Ӯ салтанати рӯҳонӣ буд.

Шабе пеш аз маслубшуданаш Исо пойҳои дувоздаҳ шогирди Худро шуст, то ибрати фурӯтанӣ барои онҳо бишавад. Масеҳ дар вақти маслуб шуданаш ҳеҷ чизе надошт; ва танҳо дороии Ӯ ҳамон либоси танаш буд, ки сарбозони таъиншуда ба қатл

расонданаш, онро низ байни худ тақсим намуданд. Оё аҷоиб нест, ки Шахсе бо қудраташ тавонист ки ҳаёт, саломатӣ, хӯрок ва наҷот ба дигарон бидиҳад ҳатто маскан барои Худ фароҳам накард!

### *9. Марги Масеҳ аҷоиб буд*

Масеҳ дар замони ҳаёташ чанд маротиба пешгӯии маргашро карда буд, ки дар Ёрусалим маслуб хоҳад шуд. Ва рӯзи сеюм аз мурдагон хоҳад бархост, бале чун шогирди самимии Ӯ, Петрус, инро шунида бо Ӯ гуфт: **"Ҳошо Туро, эй Худованд! Ин ба Ту ҳаргиз рӯй нахоҳад дод!"** Матто 16:22

Лекин Масеҳ Петрусро маломат карда фармуд, ки фикри ӯ фикри Худоӣ нест, балки фикри шайтонист, ки мехоҳад аз марги Масеҳ ки барои фидияи гуноҳҳон аст боздошт кунад.

Ҳангоме, ки вақти марги Масеҳ расид ва душманонаш барои дастгирии Ӯ омаданд, шогирдонаш хостанд монеъ шаванд, вале Худи Масеҳ нагузошт ва ҳатто ба Петрус фармуд, ки шамшери худро ғилоф кунад. Он вақт Шахсан пеш рафта Худро ба душманонаш таслим кард. Вақте, ки раисон Ӯро масхара карда ва мезананд, Ӯ хомӯш буд.

Вақте сарбозон дастҳо ва пойҳои Ӯро мехкӯб намудаанд, ононро лаънат нанамуд ва ҳалок накард, балки барои онон ва ҷамъи душманонаш дуо намуда фармуд: **"Эй Падар! Инҳоро биомурз, зеро ки намедонанд,  чӣ мекунанд"** Луқо 23:34. Вақте, ки дар рӯи салиб буд раисҳо Ӯро масхара мекарданд, вале  Ӯ ҳеҷ ҷавобе намедод. Баъд аз шаш соат, ки дар салиб азоб кашид, фарёд кард**: "Эй падар! Рӯҳи Худро ба дасти Ту месупорам"**. Луқо 23: 46.  Инро гуфт ва ҷонашро дод. Он вақте, ки яке аз ҳафсарони рӯмӣ, ки наздики салиб буд аз тарзи мурданаш ҳайрон  шуда гуфт: **"Ба ростӣ ин одам Писари Худо буд"** Марқус 15:39

Албатта Исои Масеҳ маҷбур набуд, ки бимирад, зеро агармехост метавонист Худро наҷот диҳад вале Ӯ ихтиёрона ҷони Худро қурбонии гуноҳҳои мардум намуд, чунонки Ишаъёи набӣ асрҳо  пеш аз ин гуфта буд: **"Ва ҳол он ки Ӯ аз ҷиноятҳои мо маҷрӯҳ ва аз гуноҳҳои мо афсурдахотир шудааст; сазои осоиштагии мо бар Ӯст ва ба воситаиҷароҳатҳои Ӯ мо шифо ёфтаем. Ҳамаамон мисли гӯсфандон гумроҳ будем; яке ба роҳи худ мерафтем; ва Худованд гуноҳи ҳамаи моро ба гардани Ӯ монд. Ӯ ситам кашид, вале гардан фуровард ва даҳони Худро воз накард; ва мисли баррае, ки назди пашмтарошонаш безабон аст, Ӯ ҳамчунон даҳони Худро воз накард".** Ишаъё 53:5-7.

Юҳаннои Ҳаввории дар бораи Масеҳ мефармояд: **"Ва Ӯ кафорат аст барои гуноҳҳои мо ва на танҳо барои гуноҳҳои мо, балки барои гуноҳҳои тамоми ҷаҳон низ".** (1) Юҳанно 2:2

Ҳақиқатан, марги Масеҳ *аҷоиб* ва бемонанд буд!

***10. Зинда шудани Масеҳаҷоиб буд.***

Ҷамъи пайғамбарон ва муқаддасии замони қадим мурдаанд ва дафн шудаанд ва баданҳои онҳо ба хок баргаштанд вале дар бораи Исои Масеҳ чизе аҷоиб рӯй дод, зеро пас аз он ки мурд ва дафн шуд, бар тибқи пешгӯии Худаш аз мурдагон бархост! Дар рӯзи якшанбе, ки сеюм рӯзи баъд аз маслуб шудан ва дафнаш  буд аз қабр берун омада ва ба шогирдонаш зоҳир шуд. Дар муддати чил рӯз шахсони бисёре Ӯро зинда дида ва бо Ӯ сӯҳбат карданд. Он гоҳ дар ҳузури шогирдонаш сууд кард (ба осмонҳо боло бурда шуд). Ӯ акнун дар он ҷой дар ҳузури Худо зист мекунад.

Аз тамоман шахсон, ки бар рӯи замин мезистанд Исои Масеҳ танҳо Касест, ки баъд аз марг зинда шудааст ва маргро дигар надид. Дар воқеат ин Шахси *аҷоиб* аст.

***11. Пешгӯии Масеҳ дар бораи баргаштанаш аҷоиб буд***

Ҳеҷ яке аз анбиёи гузашта пеш аз вафоташ ба пайравони худ нагуфтаанд, ки хоҳанд баргашт, лекин Исои Масеҳ такроран ба баргаштани Худ ишорат мекард ва бо шогирдони Худ фармуд, ки бояд бедор ва мунтазири омадани Ӯ буда худро омода барои ёфтани мукофоти аъмоли худ бисозанд. Исо фармуд, ки дар охири дунё бо ҷалол аз осмон хоҳад омад ва ҳама кас Ӯро хоҳанд дид. Он вақт Ӯ бар курсии ҷалоли Худ хоҳад нишаст ва ҷамъи қавмҳо пеши Ӯ ҷамъ хоҳанд шуд ва бар онҳо доварӣ карда ононро аз якдигар ҷудо хоҳад кард, чунонки чӯпон мешҳоро аз бузҳо ҷудо мекунад, баъзеро барои ҳаёти ҷовидонӣ ва баъзеро барои азоби доимӣ.

Бозгашти Масеҳ чӣ қадар *аҷоиб* ва боҷалол хоҳад буд, вале барои касоне, ки Ӯро итоат накарданд чӣ қадар бимнок аст.

***12. Мақоми Масеҳ аҷоиб аст.***

Ҳар касе, ки ҳақиқатан бо Масеҳ ошно  шавад мефаҳмад, ки Ӯ ҷое болотар аз дигарон дорад. Ва лақабҳое, ки Ӯ дорад худ шоҳиди инанд: зеро хеле аз мардумон Ӯро "Рӯҳуллоҳ" (яъне Рӯҳи Худо); ва "Калиматуллоҳ" (яъне Каломи Худо) меноманд.

Лекин лақабе, ки бештар дар Инҷил ба Ӯ дода шудааст, Писари Худо мебошад. Пеш аз таваллуди Масеҳ Ҷаброили фаришта ба Марям, модари Исо фармуд: **"Ӯ Писари Ҳаққи Таъоло номида хоҳад шуд".** Луқо 1:32. Худо Рӯҳ аст ва Исо ҳам Писари Рӯҳониии Худо аст. Исо ғолибан Худоро "Падари Ман" хитоб мекард ва ду маротиба низ Худо аз осмон Исоро "Писари Ман" хитоб кард. Вақте, ки яке аз шогирдонаш аз Масеҳ хост, ки Падари Осмониро ба Ӯ нишон диҳад, ҷавоб дод:

"**Ин қадар вақт Ман бо шумо будам ва ту Маро нашинохтӣ? Ҳар кӣ Маро бинад, Падарро дидааст,..... Оё бовар намекунӣ ки Ман дар Падар ҳастам ва Падар дар Ман?"** Юҳанно 14:9-10

Дар ҷои дигар Масеҳ фармуд: **“Ман ва Падар як ҳастем”** Юҳанно 10:30

Ҳеҷ кадом аз пайғамбарон ҳаргиз чунин даъвое накардааст. Воқеан ҷои Исои Масеҳ олӣ ва *аҷоиб* буд.

### *13. Таъсири Масеҳ дар дунё аҷоиб аст*

Қобили таваҷҷӯҳ аст, ки Исои Масеҳ ҳеҷ кадоме аз корҳое, ки хеле аз бузургони дунё кардаанд анҷом надодааст. Масъалан: китобе нанавиштааст, ғалабаҳое наовардааст, давлатеро ташкил накардааст, бар тахти салтанат нанишастааст ва чизе аҷоибе ба монанди радио ва ғайра насохтааст. Бештар умри Ӯ дар як шаҳри хурде ба номи Носира ҷое, ки ба чӯбкорӣ машғул буд гузашт ва хизмати рӯҳониашонро сеюним сол давом дод. Бо вуҷуди ин Ӯ машҳуртарин Шахси дунёст!

Китоби Инҷил ки шогирдонаш дар бораи Ӯ навиштаанд қариб ба ду ҳазор забон тарҷума шудааст ва аз ҳар китобе, ки дар олам навишта шудааст бештар ба фурӯш меравад. Ҳазорон нафар мардон ва занон ватани худро тарк карда ба тамоми дунё барои интишори Инҷил рафтаанд. Дар бештар мамлакатҳо шахсони зиёде ҳастанд, ки Ӯро дӯст доранд ва ифтихор мекунанд, ки пайравони Ӯ бошанд ва омода ҳастанд, ки ҷони худро дар роҳи Ӯ фидо кунанд.

Касе, ки баъд аз дуҳазор сол чунин таъсири азиме дорад воқеан Шахси *аҷоиб* аст!

### *14. Муносибати ҳамешагии Масеҳ бо пайравонаш аҷоиб аст*

Масеҳ пеш аз сууд ба осмон на танҳо пешгӯии баргаштани пурҷалоли Худро дар охири дунё намуд, балки ба шогирдони Худ ваъда низ дод, ки ҳамеша рӯҳан бо онҳо хоҳад буд чунон ки фармуд:

**“Пас, биравед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед ва онҳоро ба исми Падар Ва Писар ва Рӯҳулқудс таъмид диҳед. Ва онҳоро таълим диҳед, то ҳар он чиро, ки ба шумо фармудам, ба ҷо оваранд; ва инак, Ман ҳар рӯз то охири замон бо шумо ҳастам”. Омин**. Матто 28: 19-20

Дар вақти дигаре фармуд: **“Дар ҷое, ки ду ё се кас ба исми Ман ҷамъ шаванд, Ман дар миёни онҳо ҳастам”** Матто 18:20 Ва вақте, ки Масеҳ ба осмон рафт шогирдонаш танҳо набудаанд, ки мӯҳтоҷ бошанд, то ки шахси дигаре биёяд ба ҷои Масеҳро бигирад, зеро ки Худи Масеҳ ба василаи Рӯҳаш назди онҳо боқӣ монда буд ва то имрӯз пайравони Худро роҳнамоӣ ва тақвият фармуда тасаллӣ медиҳад, онҳоро мебахшад ва аз гуноҳ пок мекунад ва муҳаббати Худоро барои онҳо зоҳир месозад. Чунки аз мурдагон бархост ва то абад зиндааст метавонад моро ёрӣ бирасонад. Масеҳ мехоҳад, ки тамоми башар бо Ӯ дӯст бошанд, пас ҳама касро ба сӯи Худ даъват карда мегӯяд:

**“Назди Ман оед, эй заҳматкашон ва гаронборон ва Ман ба шумо оромӣ хоҳам бахшид;”** Матто 11:28

Даъвати дилрабои Масеҳ чӣ даъвати аҷоибест?

***15. Як чизи аҷоибе дигар***

Чордаҳ далили зикршуда раднашаванда астанд ва ба Исои Масеҳ истеҳқоқи доштани номи *Аҷибро* медиҳанд, яъне номе, ки асрҳо пеш ба василаи пайғамбари Худо ба Ӯ дода шуд. Ҳама чиз Ӯ *аҷоиб* буд, лекин чизе, ки аз ҳама *аҷоибтарин* ин аст – ки Масеҳ омода аст, ки дар дилҳои пургуноҳи мо сокин шавад, зеро мефармояд:

**“Инак, назди дар истода тақ – тақ мекунам: агар касе овози Маро шунида, дарро боз кунад, назди ӯ даромада бо ӯ таоми шом хоҳам хӯрд ва ӯ бо Ман”** Ваҳӣ 3:20

Дӯсти азиз!

Ин Наҷотдиҳандаи *аҷоиб* имрӯз ба дари дили ту омада ва иҷозати даромадан мепурсад. Ӯ ҷон дод то туро аз гуноҳ наҷот диҳад ва зист мекунад то ба ту ҳаёт бахшад. Ӯ тамоми ғамҳо ва заҳматҳо ва эҳтиёҷоти туро медонад ва мехоҳад туро баракат диҳад ва шод созад.

Дӯсти азиз, акнун ки ба хондани ин китоб бо *аҷоибтарин* Шахси рӯи замин яъне Исои Масеҳ ошно шудаед қарори шумо дар бораи Ӯ чист? Шумо наметавонед нисбат ба Ӯ беаҳамият бошед, зеро ки танҳо Ӯ Наҷотдиҳандаи башар аз лаънати Худо мебошад.

Агар аз самими дил мехоҳед, ки Исои Масеҳро чун Наҷотдиҳандаи худ аз гуноҳ бипазиред, хоҳиш мекунем, ки дуои зеринро бо имони комил бихонед:

“Эй, Исои Масеҳ Худованд. Аз хондани ин китоб, ки дар бораи хусусияти *аҷоиби* Ту мегӯяд, ба ин қарор расидаам ва низ имон дорам, ки Ту танҳо Наҷотдиҳанда ва Худованди башар ҳастӣ. Медонам, ки ман гуноҳкори маҳкуме мебошам ва ба наҷот эҳтиёҷ дорам.

Имон дорам, ки Ту барои раҳоии ман аз гуноҳ ҷон додӣ ва аз мурдагон бархост то бо ман ҳаёти ҷовидонӣ бибахшӣ. Исои Масеҳи Худованд акнун дили худро барои ту боз мекунам ва Туро ба номи Наҷотдиҳандаи худ қабул мекунам. Аз гуноҳ рӯй бар мегардонам ва худро ба Ту ки Худованд ва Молики ман астӣ таслим мекунам. Аз самими дилам Туро барои бахшидани гуноҳҳонам ва атои ҳаёти ҷовидонӣ ба ман шукр мегӯям, омин”

Агар ҳақиқатан Исои Масеҳро Наҷотдиҳандаи худ ҳисоб мекунед, бар тибқи Каломи Худо шумо наҷот ёфта ва ҳаёти ҷовидонӣ ба даст овардаед ва низ узве хонаводаи рӯҳонии Худо гаштаед. Чунон ки дар Инҷили Исои Масеҳ мактубе ҳаст: **“Ба онҳое, ки Ӯро (Исои Масеҳро) қабул карданд ва ба исми Ӯ имон оварданд, қудрат дод, ки фарзандони Худо гарданд”** Юҳанно 1:12

Аз шумо хоҳишмандем, ки моро аз имонатон ба Масеҳ огоҳ созед, то битавонем шуморо дар ҳаёти тозае, ки ёфтаед кӯмак кунем. Хонандаи гиромӣ, агар мехоҳед иттилоҳоти бештаре аз зиндагӣ ва таълимоти Исои Масеҳ бо даст оваред ба суроғаи зерин мактуб бинависед: